Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru; телефони котиби илмӣ: (+992) 935730010

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуҷаборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст

Дар шароити таҳаввулоти амиқи иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели инноватсионии рушд ҳамчун самти муҳими афзоиши устувор ва рақобатпазир арзёбӣ мегардад.

Зарурати амалӣ намудани равиши рушди инноватсионӣ дар шароити ҷумҳурӣ аз ҷониби институтҳои давлатӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ эътироф ва пуштибонӣ меёбад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23.12.2023 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд карданд, ки «ҳадафи калидии иқтисоди нав таъмини амнияти миллӣ, афзоиши устувори иқтисодӣ, ҳифзи самаранок аз таҳдидҳои эҳтимолӣ, истифодаи оқилонаи сарчашмаву манбаъҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, таҳкими иқтидори содиротӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонӣ ва васеъ истифода бурдани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди сармояи инсонӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад».

Ба андешаи муаллиф, дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ, диққати махсус ба «рушди сармояи инсонӣ, таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири дорои арзиши иловашудаи баланд, алоқамандии илм бо истеҳсолот ва шаклгирии иқтисодиёти ба дониш, ихтироъкорӣ ва навоварӣ асосёфта» равона намудан лозим меояд, ки ба унсури калидии таҳкими сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ табдил ёфта, ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор, мутаносиб ва дарозмуддати иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Ҳамзамон, дар баробари бартариятҳои муҳими автореферат, хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ таваҷҷуҳи бештар менамуд:

Дар яке аз пешниҳодҳои худ, аз он ҷумла дар банди дуюми навгонӣ муаллифи автореферат таҳлили маҷмуии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ,

истеҳсолӣ, технологӣ ва захиравӣ ҳолати кунунӣ ва иқтидори рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар вилояти Хатлон арзёбӣ намуда, тамоюлҳои асосии рушди соҳа, маҳдудиятҳои мавҷуда ва захираҳои истифоданашударо муайян кардаанд. Мазмун ва мундариҷаи автореферат бой ва ғанӣ мегардид, агар муаллиф мушаххастар нишон медод, ки боз кадом захираҳои истифоданашудаи масолеҳи сохтмонӣ айни ҳол дар вилояти Хатлон вуҷуд доранд, ки истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо саривақтӣ ва зарур мебошад. Аммо, эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмун ва мундариҷаи илмии автореферatро паст карда наметавонад. Авторефератиди диссертатсия, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо дар сатҳи даркорӣ асоснок гардидаанд.

Дар умум, авторефератиди диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар ми-соли вилояти Хатлон»), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ вобаста ба натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ буда, тибқи муқаррароти мавҷуда таҳия гардида, муаллифи он Абдуҷҷаборзода Дилором Абдуҷаббор арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшуда мебошад.

Муқарриз:
д.и.и., профессор кафедраи молия ва қарзи
МД «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и
МД ДБССТ Р.С. Шокиров

суроға: 735610, ш.Конибодом, ҷамоати Р.Ҳамрабоев, вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 92-749-52-75
E-mail: shokirovravshan@mail.ru

Имзои Шокиров Р.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Донишқадаи байналмилалии Хуҷанд» -и МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»
_____Юнусова О.М.

Суроға: 735716, 27 микрорайон, хонаи 1, ш. Хуҷанд, вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.:(+992 37) 234-88-02
Fax: (+992 37) 234-88-02
E-mail: betesk_ips@mail.ru

20.10.2026